# БАРГУЗОРИИ ХОНИШИ ИДОРАВӢ ДАР ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ

Хониши идоравиро директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Сироҷиддин Ниёзӣ ифтитоҳ намуда, таъкид кард, ки мубориза бо коррупсия яке аз самтҳои муҳими сиёсати давлатдорӣ мебошад, ки таҳти роҳнамоии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таври пайваста амалӣ мегардад. Ӯ зикр кард, ки татбиқи самараноки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» ва «Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия барои давраи то соли 2030» вазифаи аввалиндараҷаи тамоми сохторҳои илмиву таълимӣ ба шумор меравад. Дар идомаи хониш М.Султонмамадова– мудири шуъбаи омодасозии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии муассиса дар мавзуи «Мубориза ба коррупсия дар соҳаи маориф ҳамчун омили рушди устувори давлат» баромад намуд. Ӯ дар сухани худ зикр кард, ки пешгирии амалҳои коррупсионӣ дар муассисаҳои таълимӣ, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ миёни омӯзгорону муҳассилин бояд ба вазифаи ҳамешагии кормандони соҳаи маориф табдил ёбад. Ба андешаи ӯ, танҳо дар муҳити солим, шаффоф ва пурмасъулият метавон насли поквиҷдон ва ватандӯстро тарбия намуд, ки барои рушди минбаъдаи ҷомеа саҳм гузорад. Сипас, бо сухан баромад намуд Ш. Хушқадамова – ходими калони илмии шуъбаи омодасозии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии муассиса дар мавзуи «Омода намудани кадрҳои илмӣ ва дурнамои он дар Пажӯҳишгоҳ». Ӯ дар баромади худ зикр кард, ки рушди илм ва тайёр намудани кадрҳои баландихтисос яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ мебошад, ки таҳти таваҷҷуҳи доимии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Мавсуф таъкид намуд, ки дар заминаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» Пажӯҳишгоҳ барои баланд бардоштани сатҳи касбият, тақвияти иқтидори илмӣ ва ҷалби муҳаққиқони ҷавон тадбирҳои муассир меандешад. Ӯ изҳор дошт, ки рушди инфрасохтори илмӣ, густариши ҳамкорӣ бо муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва ташкилоти байналмилалӣ имкониятҳои навро барои тайёр кардани насли нави олимон фароҳам меорад. Хониши идоравӣ бо муҳокимаи мавзуҳои пешниҳодшуда ва ибрози фикру мулоҳизаҳои ҳозирин идома ёфта, аз натиҷаҳо хулосабарорӣ гардид.







